# ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Июни соли 2023 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019, №117" (тағйиру иловаҳо ба Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 05 апрели соли 2023 ҷойгир карда шуда, нисбати лоиҳаи Тартиби мазкур аз 05 апрел то 05 майи соли 2023 машварати оммавӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии | Оид ба гузаронидани машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2023, №59/2с пешниҳод гардид. Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур аз |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар танзим ва назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқат намудан ба санадҳои меъёрии амалкунанда лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкурро таҳия намудааст.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур таъмини фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти интиқоли фаромарзии маблағҳо риояи талаботҳои қонунгузории соҳа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, идоракунии хавфҳои марбут ба фаъолияти низомҳои пардохтӣ, ки метавонанд ба фаъолияти ба низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонанд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур ва ба ин васила дахолати давлат дар самти фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи интиқоли фаромарзӣ - ин таъмин намудани риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ бо мақсади мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади | Қабул намудани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур имкон медиҳад, ки истифодабарии таъминоти барномавии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо васеъ гардад, вақти гузаронидани клиринги пардохтӣ ва бо кадом намуд таҳия шудани ҳуҷҷати клиринги муайян мегардад ва ихтилофи техникии ҷойдошта |

| | |
|---|---|
| меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | аз байн бурда мешавад.<br>Бояд қайд намуд, ки муқаррароти лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур чораҳо, ухдадориҳо, ва маҳдудиятҳоро барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (дар фаъолияти низомҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон) пешбинӣ наменамояд ва хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Баръакс ба рушду сатҳу сифати хизматгузории низомҳои пардохтии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда замина гузошта, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ мегардад. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | То ҳол истифодабарии таъминоти барномавии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо маҳдуд буда, вақти гузаронидани клиринги пардохтӣ ва бо кадом намуд таҳия шудани ҳуҷҷати клиринги пардохтӣ муайян набуда ва инчунин ихтилофи техникӣ ҷой дошт.<br>Бидуни қабули тағйиру иловаҳо ба Талаботи мазкур бо роҳҳои дигар ҳал кардани мушкилиҳои ҷойдошта ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори танзим ва назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои худро дар доираи заминаи ҳуқуқии қабулгардида ва захираҳои кадрии худ амалӣ менамояд.<br>Қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур самаранокӣ ва эътимоднокии фаъолияти низомҳои пардохтиро дар кишвар афзун намуда, барои рушди низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили инфрасохтори пардохтӣ ва хизматрасониҳои муосир ва босифати пардохтӣ заминаи устувор мегузорад.<br><u>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:</u><br>- таъмини шаффофияти фаъолияти низоми пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- баланд бардоштани сатҳу сифати |

| | |
|---|---|
| | хизматрасониҳои пардохтӣ ба аҳолӣ;<br>- таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ;<br><u>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:</u><br>- таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтии кишвар;<br>- таъмини рақобати солим ва одилонаи низомҳои пардохтӣ ва иштирокдорони онҳо;<br>- заминаи устувор барои рушди минбаъдаи низомҳои пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ;<br>- кафолати фаъолияти бемамониати низомҳои пардохтӣ дар доираи қонунгузорӣ дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур ҷараёни фаъолияти низомҳои пардохтӣ шаффоф гардида, ҳиссаи интиқоли маблағҳои фаромарзиро зиёд намуда, ба рушди низомҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои пардохтӣ мусоидат менамояд; |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Июли соли 2023 |

Муовини раис Назирӣ Г. Н.